Ба Шӯрои диссертатсионии **6D.KOA–014** дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (суроға: 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146)
(www.tajagroun.tj)

# ТАКРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзуи «такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон », ки барои дарёфти дарачаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисос08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пешних,од шудааст.**

**1. Муҳиммияти мавзуи тадқиқоти диссертатсия**

Дар ҷаҳони муосир соҳаи соҳибкории аграрӣ рушд ва ташккул ёфта истодааст. Маҳз дар шароити кунунӣ соҳибкории аграрӣ имкониятҳоро дар соҳаҳои мухталифи кишвар зиёд мегардонад. Хусусан доир ба масъалаи мазкур дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 яке аз афзалиятҳои минбаъдаи рушд “дар комплекси агросаноатӣ, тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар” муайян шудааст. Барои ноил гаштан ба ин ҳадафҳо ислоҳоти минбаъдаи соҳаи аграрӣ дар мамлакат барои ташкили шароитҳои зарурии иҷтимоию иқтисодӣ ва заминаҳои институтсионалии рушди фаъолияти соҳибкории аграрӣ, сурат гирифта истодааст. Зеро маҳз рушди соҳибкории аграрӣ қодир аст, ки технологияҳои инноватсиониро дар соҳаҳои кишоварзӣ татбиқ намуда, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро истеҳсол намояд.

Воқеан ҳам солҳои охир ҳиссаи бахши хусусӣ, бахусус соҳибкории аграрӣ дар истеҳсоли ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ беш аз 90 фоизро ташкил додааст. Илова бар ин, беш аз 70 фоизи захираҳои истеҳсолӣ дар ихтиёри онҳост. Аммо, ҳанӯз истифодаи оқилона ва

самараноки захираҳои истеҳсолӣ, комбинатсияи инноватсионии онҳо ба чашм намерасад, ки оид ба ин суръати заифи рушди соҳибкории аграрӣ нисбат ба рушди соҳибкории аграрии кишварҳои индустрияи миёна шаҳодат медиҳад.

Аз таҷрибаи воқеии ислоҳоти бозорӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ бармеояд, ки пешрафти фаъолияти соҳибкориро дар КАС танҳо бо ташкил ва рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҷамъбаст намудан нашояд. Рушди муносибатҳои соҳибкорӣ дар ҳамаи марҳилаҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ, ба мисли истеҳсол, нигаҳдорӣ, интиқол, коркарди дубораи маҳсулоти кишоварзӣ ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расондани он низ муҳим ба шумор меравад. Аз рушд бозмондани ин муносибатҳо ба ақибмонии КАС - и ҷумҳурӣ боис мегардад.

Аз ин рӯ, омӯзиши шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, хусусиятҳо ва омилҳои рушди соҳибкорӣ ва вобаста ба ин эҷод намудани низоми ҳавасмандӣ барои таъмини рушди бахши соҳибкории аграрии ҷумҳурӣ дар шароитҳои имрӯза аҳамияти зиёди илмию амалӣ касб карда, муҳим будани мавзӯи таҳқиқотро пешакӣ муайян менамояд.

**2. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия омадаанд.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологи ва методии пажуҳиш, бахусус, равишҳои илмии самти сохаи соҳибкории аграрӣ, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, вай ба натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назария ва амалияи соҳаи дар болозикргардида ноил гардад, пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили роҳҳ о ва методҳои баланд бардоштани самаранокии ин соҳа коркард намояд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони барҷастаи ватаниву хориҷиро дар идоракунии рушди соҳаи аграрӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ баррасии масъалаҳои омузиши самаранокии ҷанбаҳои гуногуни инкишофи инфрасохтори соҳибкории аграрӣ дар маҳалҳо, минтақаҳои сайёҳӣ ва кластерикунонии он дар асару маколаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омузиш қарор гирифта, назарияи олимони соҳавӣ тавсиф карда шуда, дар асоси таҳлилҳои илмӣ уайян карда шудааст, ки идоракунии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ таҳқиқ гардида иешниҳод шудааст, хулосабарорӣ, таҳлили маълумотҳои оморӣ ва ҷадвали маводҳои аслӣ.

**3. Саҳеҳӣ ва навгонии тадқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда**

Ба назари мо, элементҳои навгонии тадқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

- моҳияти соҳибкории аграрӣ ҳамчун фаъолияти мустақилу ташаббусноки субъектҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, ки дар шароити хавфу хатар ва номуайянии муносибатҳои бозорӣ истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолиро барои ба даст овардани фоида ва ё даромад таъмин менамоянд, тавсиф дода шуда, ҳамзамон соҳибкории аграрӣ чун категорияи “соҳибкории деҳот” арзёбӣ гардидааст, ки он қарорҳои идоракуниро дар сатҳи соҳибкории кишоварзӣ ва соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот фаро мегирад. Исбот шудааст, ки рушди самараноки соҳибкории кишоварзӣ бевосита ба соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот вобастагӣ дорад. Зеро соҳибкории ғайрикишоварзӣ ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозории сектори аграрӣ мусоидат менамояд;

- хусусиятҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар сектори аграрии ҷумҳурӣ, ки аз омилҳои табиию биологӣ, вижагии истифодаи замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ, лапишҳои истеҳсолӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим, фондғунҷоиши баланди истеҳсолӣ вобаста мебошад, муайян карда шудаанд;

- бо назардошти татбиқпазирии таҷрибаи хориҷӣ дар шароитҳои

Тоҷикистон самтҳои асосии такмили шаклу усулҳои дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ муайян гардида, вобастагии механизми хоси дастгирии давлатии кишоварзии давлатҳои рушдкарда ба унсурҳои танзими бозорӣ нишон дода шудааст;

- таҳлили ислоҳот дар муносибатҳо ва зинаҳои ташаккулу равнақи соҳибкории аграрии ҷумҳурӣ нишон дод, ки он ба ҳалли масъалаҳои ташкили бозори замин, муносибатҳо вобаста ба таснифи ҳуқуқи моликият ба қитъаҳои замин ва иҷораи онҳо вобаста мебошад. Дар ин раванд, дар диссертатсия ду роҳи рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ муайян гардидааст: дар асоси муносибатҳои ҳуқуқи моликият бар истифодабарии замин - ҳуқуқҳои истифодабарӣ, хариду фурӯши ҳуқуқи истифодабарӣ, ҳадя, гарав, ба иҷора додан, ҳуқуқи меросии истифодабарӣ ва ҳуқуқҳои дигар; роҳи дуюм- иҷораи замин, яъне афзоиши теъдоди иҷорагирандагони замин, ки ҳуқуқҳои маҳдуди ихтиёрдорӣ ва истифодаи истеҳсолии заминро, аз ҷумла бо ихтиёрдории монополии маҳсулоти бадастоварда доро мебошанд;

- самтҳои ояндадори рушди соҳибкории кишоварзӣ асоснок гардида, амсилаи эконометрикии танзими истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ аз рӯи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ таҳия гардида, вобастагии байни истеҳсоли зироатҳои корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ муайян карда шуд. Тибқи таҳлили коррелятсионӣ маълум гардид, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ вобастагии баланд байни истеҳсоли сабзавот ва дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсоли картошка ва сабзавот нисбат ба ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ вуҷуд доранд. Инчунин дар асоси амсилаҳои қаторҳои вақтӣ ва авторегрессионӣ дурнамои маҷмӯи истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ, ҳаҷми замини корам ва ҳосилнокӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ҷумҳурӣ то соли 2025 баҳисобгирӣ шудааст.

- маҷмӯи чораҳои ташкилию иқтисодӣ ҷиҳати такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар

бахши аграрии иқтисоди Тоҷикистон муайян гардидаанд. Аз ҷумла зарурати татбиқи усули маҷмӯии ташкил ва дурнамои рушди системаи суғуртаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ баҳогузорӣ гардида, дар заминаи таҳияи навъҳои нави хизматҳои суғуртавӣ, такмили қонунгузории суғурта, бозсозии институтсионалӣ дар ин бахш барои рушди соҳибкории аграрии ҷумҳурӣ пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ аососнокгардида таҳия шудаанд.

Дар сарсухани диссертатсия муҳиммияти мавзуъ, сатҳи коркарди он, ҳадаф ва вазифаҳо гипотезаҳои диссертатсия ва ғайра муаяйн карда шудааст.

Боби якум "**Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва равнақи фаъолияти соҳибкории аграрӣ**" ҷанбаҳои назариявии асосҳои консептуалӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи назарияи соҳибкорӣ таҳқиқ карда шудааст, инчунин дар дисертатсия хусусиятҳо ва омилҳои ба ташаккул ва равнақи соҳибкории аграрӣ таъсирбахш ва таҷрибаи хориҷии ташаккул ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории аграрӣ омухта шудааст.

Дар диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи соҳибкорӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди пешрафтаи бозорӣ ва дар кишварҳои дорои системаи рушдёбандаи бозорӣ баробар мавриди таваҷҷӯҳ қарор дорад. Зеро дар кишварҳои дорои системаи рушдёбандаи бозорӣ чунин далел бештар дарк мегардад, ки иқтисоди бозорӣ моҳиятан иқтисоди соҳибкорӣ аст. Соҳибкорӣ ҳамчун як шакли муносибатҳои иқтисодӣ, озодии иқтисодиро дар назар дорад, соҳибихтиёрӣ ва масъулияти тиҷоратро дар ҳама бахшҳо, аз ҷумла дар таҳияи стратегия ва тактикаи муборизаи рақобатнок, сармоягузорӣ ва хароҷотбарории он, муайян намудани талабот, баҳодиҳии вазъи бозор ва натиҷаҳои хоҷагидориро пешбинӣ менамояд.

Дар боби дуюм "**Ҳолати муосир ва тамоюли рушди соҳибкории аграрӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**". Вобаста ба ин дар боби мазкур ислоҳоти муносибатҳои иқтисоди аграрӣ ва тавсифи зинаҳои

ташаккулу равнаќи соҳибкории аграрӣ дар ҷумҳурӣ ва арзёбии тамоюлҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дида баромада шудааст.

Дар боби мазкур муаллиф қайд менамояд, ки тибқи “Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барномаҳои мақсадноки миллӣ ҷиҳати татбиқи ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонӣ, рушди соҳибкорӣ ва бизнеси хурд, беҳдошти хоҷагии пулию молиявӣ, ислоҳи бахши аграрӣ, ташкили системаи муосири ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғ. таҳия гардиданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ тибқи “Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1995-2000” дар давоми солҳои 1995-1998 вобаста ба тақвияти ислоҳоти бозорӣ дар бахши аграрии иқтисоди миллӣ якчанд чораҳои ҷиддӣ андешид.

Дар рафти гузарондани ислоҳоти аграрӣ шаклҳои анъанавии моликият ва хоҷагидорӣ дар соҳаи асосии иқтисоди кишвар – соҳаи кишоварзӣ ба куллӣ тағйир дода шуданд. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба бозсозии сохтории колхозҳо ва совхозҳо” аз 11 октябри соли 1995 дар соҳаи кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ширкатҳои аграрӣ, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои муштарак таъсис ёфта, рушд карданд. Аммо ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳои кишоварзӣ ва ширкатҳои аграрие, ки дар заминаи корхонаҳои анъанавии кишоварзии бо ислоҳот фарогиранда таъсис меёфтанд, бештар хусусияти расмӣ доштанд ва онҳо муносибатҳои пештараи дохилиистеҳсолиро дар худ ҳифз менамуданд, танҳо лавҳаи болои дарашон тағйир ёфта буду халос. Дар натиҷаи муносибати расмӣ ва тарзи соддаи ислоҳи колхозу совхозҳо дар маҳалҳо идеяи гузариш ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ беэътибор мегардид.

Дар боби сеюм “**Такмили механизми ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон**” дар ин боб доир ба рушди механизми ҳавасмандгардонии соҳибкории аграрӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, самтҳои асосии такмили механизми ҳимоя ва дастгирии

давлатии соҳибкории аграрӣ ва мукаммалгардонии механизми молиявии ҳавасмандгардонии соҳибкории аграрӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳодҳои муфид карда шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки соҳибкории инфиродӣ дар иқтисоди мо ҳанӯз дар охири давраи шуравӣ, хусусан дар солҳои бозсозӣ бо қабули Қонуни ИҶШС "Дар бораи фаъолияти меҳнати инфиродии аҳолӣ" ба вуҷуд омад. Рушди соҳибкории инфиродӣ дар иқтисоди бозорӣ аҳамияти хоса дорад. Ин шакли фаъолият дар шароитҳои ташаккули иқтисоди бозорӣ на танҳо чун омили суботи иқтисодӣ зоҳир гардида, сармоягузории нисбатан хурдро талаб менамояд, балки сарчашмаи доимии ҷойҳои нави кор ба шумор меравад. Афзоиши босуръати аҳолӣ ва захираҳои кориро дар ҷумҳурӣ ба инобат гирифта, рушди ин шакли фаъолият ҷалби аҳолии бешуғл, муътадил намудани вазъият дар бозори меҳнат ва ҳалли масъалаи камбизоатиро имконпазир мегардонад. Зиёда аз ин, рушди соҳибкории бахши аграрӣ на танҳо ба тағйири таъминоти кори аҳолӣ таъсир мерасонад, балки ба тағйири тафаккури иқтисодии ҷамъият низ мусоидат менамояд.

**4. Муҳиммияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия**

Натиҷаи тадқиқот дар диссертатсия нишон медиҳад, ки инкишофи инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар маҳалҳо ба пешрафти соҳа такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Дар асоси тадқиқот ва ташхиси маводҳо роҷеъ ба масъалаҳои инкишофи инфрасохтори соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии зерин пешниҳод мешаванд.

Ҳадафи асосии муаллиф асоснок намудан ва таҳияи муқарароти омузиши мушкилоти масъалаҳои инкишофи инфрасохтори соҳа дар махалҳо дар Ҷумхурии Тоҷикистон ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба бехтаргардонии он мебошад. Натичаҳои асосии илмии муаллиф такмил додани асосхои методӣ ва илмию амалии" инкишофи инфрасохтори соҳа дар мамлакат иборат мебошад.

**5. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он ва эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Албатта, тадқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дороӣ як қатор норахеҳое аст, ки умуман, наметавонад сифати илмӣ ва меҳнати илмии муаллифро коста намояд. Эроду дархости муқарриз чунин аст:

1. Дар боби якуми диссертатсия фикру ақидаҳои олимони ватанӣ ба қадри кофӣ дида баромада нашудааст.

2. Дар кори дисертатсионӣ иқтибос аз олимони ватанӣ нисбатан кам ба назар мерасад.

3. Хуб мешуд агар дар рисола дар мисоли ягон объекти хоҷагии деҳқонии мушаххас тадқиқот гузаронида мешуд.

4. Таркиби кор дорои баъзе камбудиҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ аст.

Эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии тадқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад. Дар умум, диссертатсия тадқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажухишу ҳалли муаммоҳои самаранокии истифодабараии омилҳои истеҳсолот дар соҳаҳои минтақа тавсиф менамояд

**6. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Дар автореферати рисолаи номзадӣ мақсад ва муҳтавои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой гирифтааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муҳокима ва тасдиқ; шудааст. (Суратҷаласаи кафедра №10 аз 28- уми майи 2021 сол).

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқдисодӣ, дотсент мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ Нуридинов С.З., омода карда шудааст.

**Раисикунанда: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нуридинов С.З**
**Эксперт: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов Ф.С.**
**Котиб: Давлатов Б.С**
**Имзои Нуридинов С.З.-ро тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ Раҷабов Б.С.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ